## Шарҳи моҳонаи таваррум • ИЮНИ 2023

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи июни соли 2023 ба 0,2 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ бетағйир мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,2 фоиз (саҳм дар таваррум 0,1 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,4 фоиз (0,1 б.ф) ба амал омад. Ҳамзамон, арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бо нишондиҳандаи манфии -0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) ҷамъбаст гардид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ дар моҳи мазкур асосан болоравии нархи биринҷ 14,5 фоиз, бодиринг 14,5 фоиз, ангур 7,8 фоиз, картошка 7,3 фоиз, шакар 5,1 фоиз, гӯшти гов 3,2 фоиз, сабзӣ 2,7 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Раванди мазкур асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ арёбӣ мегардад.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, бинобар зиёд шудани талабот афзоиши нархи бензини АИ-92 3,5 фоиз, маводи доруворӣ 1,4 фоиз, масолеҳи таъмир ва сохтмон 0,9 фоиз, инчунин либос ва пойафзол 0,3 фоиз мушоҳида гардид.

Ҳамзамон, дар моҳи июни соли ҷорӣ коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла помидор 32,2 фоиз, пиёз 17,1 фоиз, тухм 13,4 фоиз, равғани пахта 5,0 фоиз, равғани офтобпараст 2,4 фоиз ва орди навъи якум 1,5 фоиз, инчунин аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, пастравии нархи гази моеъ 3,1 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи июни соли 2023 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 3,9 фоиз, Қирғизистон 0,7 фоиз, Қазоқистон 0,5 фоиз, Россия 0,4 фоиз, Белорус 0,3 фоиз, Ӯзбекистон -0,3 фоиз, Гурҷистон -0,9 фоиз ва Арманистон -1,4 фоизро ташкил намуд.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи июни соли ҷорӣ ба 2,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат**

**Таварруми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (июн с.2023) | Таваррум янв-июн с.2023 | Таварруми солона (июн с.2023) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 3,9 | 19,8 | 38,2 |
| Қирғизистон | 0,7 | 5,1 | 10,5 |
| Қазоқистон | 0,5 | 5,4 | 14,6 |
| Россия | 0,4 | 2,8 | 3,3 |
| Белорус | 0,3 | 3,0 | 2,9 |
| **Тоҷикистон** | **0,2** | **2,3** | **2,4** |
| Ӯзбекистон | -0,3 | 3,4 | 9,0 |
| Гурҷистон | -0,9 | -1,3 | 0,6 |
| Арманистон | -1,4 | -2,3 | -0,5 |

**ба ҳамин давраи соли гузашта 5,9 банди фоизӣ кам мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи июни соли ҷорӣ дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 38,2 фоиз, Қазоқистон 14,6 фоиз, Қирғизистон 10,5 фоиз, Ӯзбекистон 9,0 фоиз, Россия 3,3 фоиз, Белорус 2,9 фоиз, Гурҷистон 0,6 фоиз ва Аманистон -0,5 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи июни соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,2 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро минбаъд низ ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумии солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | | | | 2023 | | | | | | Июн тағийрёбии моҳона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **8,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **4,5** | **3,6** | **3,4** | **2,4** | **2,4** | **0,2** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **7,5** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **5,5** | **4,3** | **3,7** | **1,3** | **1,1** | **0,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 4,0 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | 1,7 | -2,6 | -6,6 | -10,6 | -8,7 | 3,2 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | -7,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 18,1 | 21,6 | 24,7 | 35,0 | 54,1 | 14,5 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 8,0 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -6,6 | -12,6 | -19,2 | -28,0 | -30,1 | -1,5 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 15,1 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | 0,0 | -0,2 | 0,9 | 3,3 | 5,3 | 1,9 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 14,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -3,8 | -2,5 | -1,2 | 2,5 | 6,5 | 3,2 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | -14,4 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 37,8 | 40,4 | 49,0 | 42,7 | 19,6 | -13,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 8,9 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 25,9 | 14,7 | 11,9 | 9,2 | 8,6 | -0,8 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 4,3 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 16,0 | 18,5 | 17,7 | 12,3 | 8,9 | -3,3 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 20,8 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -10,0 | -11,2 | -17,5 | -26,3 | -28,9 | -3,0 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,7 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | -5,5 | 1,5 | 4,2 | 11,2 | 13,9 | -3,2 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 16,4 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 18,6 | 23,1 | 30,2 | 20,6 | 17,1 | -1,0 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 4,4 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -0,2 | -9,1 | -9,6 | 4,4 | 8,3 | 5,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | -0,7 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,4 | 13,1 | 12,4 | 11,0 | 10,9 | 0,4 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,7** | **6,7** | **6,7** | **6,5** | **1,1** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **5,8** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **2,8** | **1,5** | **1,3** | **0,6** | **0,5** | **-0,1** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,5** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **4,4** | **3,5** | **3,8** | **4,3** | **4,5** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 2,8 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 5,0 | 5,6 | 5,5 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 8,0 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 4,2 | 2,9 | 3,3 | 5,0 | 5,8 | 0,9 |
| Моводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 4,6 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,8 | 24,2 | 21,6 | 16,8 | 14,7 | 0,1 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | -0,7 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 7,3 | 5,1 | 6,9 | 10,0 | 11,5 | 1,4 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 63,0 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -22,0 | -26,9 | -25,1 | -19,8 | -19,2 | 0,5 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 3,1 | 1,1 | -0,2 | -3,0 | -0,9 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 0,6 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 3,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 5,4 | 4,8 | 3,9 | 3,7 | 3,7 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **11,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,1** | **2,2** | **2,4** | **2,7** | **-0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 13,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 5,6 | 4,3 | 5,2 | 6,2 | 7,5 | -0,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | -1,1 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 66,1 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -39,1 | -42,2 | -41,3 | -37,6 | -34,6 | -3,1 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 22,4 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -1,4 | -0,2 | -1,0 | -1,6 | -1,8 | -0,5 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,1 | 1,0 | 0,5 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 1,7 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,9 | 4,1 | 4,2 | 3,5 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо